# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзӯи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодиёти аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович соли 2016 факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷандро бо дипломи аъло хатм намудааст. Инчунин, соли 2016 ба муссисаи мазкур ба дараҷаи магистрӣ аз рӯи ихтисоси “Хадамоти гумрукӣ” дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Аз соли 2018 ба кафедраи молшиност ва фаъолияти гумрукии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд ба кор қабул шудааст.

Дар стратегияи рушди кишвари азизамон самтҳои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дарҷ гардидаст, ки ин бидуни самаранок истифодабарии захираҳои иттилоотӣ имконнопазир аст. Бинобар ин таҳқики масъалаҳои ҳалталаби чараёни идора намудани захираҳои иттилоотӣ дар ҷомеа, алалхусус дар низоми идоракунии мақомотҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ басо муҳим аст. Мақомотҳои мазкур дар модди аввал хизматрасониҳои давлатӣ, танзими вазифаҳои зарурӣ, ки дар рушди ҷомеа нақши аввалиндараҷа дорад, ки дар фаъолияти худ маводҳои иттилоотиро бояд бо самараи баланд истифода ҳоҳад кард.

Шарти асосии пешравӣ ва ноил гардидан ба муваффақиятҳои назаррас дар самти идораи захираҳои иттилоотӣ ин мавҷудияти кадрҳои баландихтисос ҳам аз нуқтаи назари сифат ва ҳам аз нуқтаи назари миқдор мебошад. Нақши захираҳои иттилоотӣ ба сифати яке аз омилҳои калидии таъминкунандаи рушди иқтисодӣ ва фазои

инноватсионии мусоид, зарурияти таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои дар ин соҳа бавуҷудоянда, таҳқиқи зуҳуротҳои нав ё қаблан наомӯхташуда ва муаммоҳои таъминнокии иттилоот ва захираҳоро талаб менамояд. Боиси қайд аст, ки дар ҷараёни идораи захираҳои иттилоотонӣ омода намудани кадрҳо, яъне, аз ҳама муҳим, омили саводнокии компютерии аҳолӣ мавқеи аввалро дорад.

Рисолаи диссертатсионии Раҳматуллоев А.У., ки ба нақши захираҳои иттилоотӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа бахшида шудааст, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ басо актуалӣ ва муҳим мебошад.

Ҳангоми иҷроиши кори илмӣ Раҳматуллоев А. У. бо ҳаҷми зиёди адабиётҳои илмӣ кор намуда, маводҳои зарурии омориро оид ба масъалаи омӯхташаванда ҷамъ ва коркард намудааст. Боиси қайд аст, ки аз рӯи таҳқиқот қонуниятҳо, тамоюл ва мушкилоти ин бахш баҳои объективии худро гирифтааст.

Дар раванди навиштани диссертатсия Раҳматуллоев А. У., худро ҳамчун корманди илмии ҷиддӣ нишон дод, ки вай дорои донишҳои васеъи назариявӣ ва амалии масъалаҳои мушкили иқтисодӣ мебошад. Тавонист саҳеҳӣ ба предмети таҳқиқот ворид намояд, услубҳои гуногуни арзёбии истифодабарии захираҳои иттилоотӣ, тартиби ҳисоби он, мавқеи вилояти Суғд дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва норасоиҳо дар самти истифодабарии захираҳои иттилоотӣ, муаммоҳои истифодабарии захираҳои иттилоотӣ дар корхона баррасӣ гардида раддабандии ниҳодҳои асосии захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд гузаронида шудааст.

Дар рафти кор бо диссертатсия ва меҳнатдӯстии зиёд, қобилияти баланди бурдани корҳои таҳқиқотӣ ва омӯзиширо аз худ зоҳир намуд. Аз рӯи хислат Раҳматуллоев А. У., бисёр хушмуомила ва дорои ахлоқу одоб, маданияти баланд дорад.

Гуфтаҳои болоро ба назар гирифта, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар кори диссертатсионӣ ҳамаи мақсадҳо ва вазифаҳои

гузошташуда ичро карда шудаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои баровардашуда ба назари мо диққатҷалбкунандаанд, барои ҳамин ҳам кори диссертатсионии Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷоновичро барои муҳокима дар ҷаласаҳои дахлдор оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ**
**д.и.и, профессор** **Ризозода Т.Р.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС